# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи «Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” унвон дошта, ба таҳқиқи масъалаҳои поэтикаи достон ва ҳунари шоирии Ҷомӣ бахшида шудааст. Масъалаҳои поэтикаи асар дар ҳамбастагӣ бо сохтор, манбаъҳо, сарчашмаҳои достон, нусхашиносӣ, шарҳнависӣ ба он, таҳлилу баррасии образҳо, ҷойгоҳи фоҷиа дар достон, афкори адабии шоир, ҳунари шоир дар офаридани достон, мақоми унсурҳои мусиқӣ, тасвири унсурҳои табиат дар достон ва ғайра таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Таҳқиқи масъалаҳои баёнгардида фазои пажӯҳиши мукаммали достонро муайян мекунад ва нақши мусаннифи онро дар баёни гуфтораш, ҳунари шоирияш, навҷӯиву навгуиҳояш ба таври пурра бозгӯӣ менамояд.

Таҳқиқи баъзе паҳлуҳои мавзуъ ба шакли обзори умумии давраҳои инкишофи адабиёт, масъалагузории хрестоматиявӣ, эҷоди достонҳои “Юсуф ва Зулайхо” дар марҳилаҳои гуногун, шоирони дар ин мавзуъ асар навишта ва ғайра аз солҳои панҷоҳуми садаи бист оғоз гардида бошад ҳам, вале он дар анҷоми садаи бист шакли васеъ ва густурдаеро касб кардааст. Дар ин замина таҳқиқоти донишмандон Забеҳуллои Сафо, А.Қулиев, А.Мирзоев, Х.Мирзозода, А.Афсаҳзод, А.Зуҳуриддинов, С.Амиркулов, А.Кулиев, А.Сатторзода, У. Ғаффорова, М.Низомов, В.Элбоев, С.Азорабеков, Б.Шерназаров, М.Ҷавҳарова ба майдон омаданд, ки ба масъалаҳои эҷоди достонҳо, таҳқиқоти алоҳида оид ба достонҳои “Юсуф ва Зулайхо”-и Нозими Ҳиротӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Хоҷа Масъуди Қумӣ, Ховарии Шерозӣ, мавқеи ин қисса дар Қуръони шариф, муқоисаи достонҳои ҳамном, асарҳои мансури дар ин мавзуъ эҷодшуда ва ғ. бахшида шудаанд.

Навгонии илмии диссертатсия пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик масъалаҳои марбут ба поэтикаи достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар доираи як асари мустақил ва таҳқиқоти монографӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, баҳсу баррасии масъалаҳои манбаъ, нусхашиносӣ, шарҳнависӣ, сохти композитсионӣ, ҷойгоҳи фоҷиа дар достон, масъалҳои афкори адабии шоир дар достон, ҳунари шоир дар

тасвирсозӣ, маъниофарӣ, мавқеи санъатҳои бадеӣ, забон, мақоми унсурҳои мусиқӣ, табиат, мунозира ва паёми шоирона дар достон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Инчунин, дар диссертатсия баробари муайян намудан ва баррасӣ кардани поэтикаи достон масъалаҳои ҷомишиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадафи шоир аз офаридани достон, баррасии масъалаҳои адабӣ ва ирфонӣ, мавқеи достони Ҷомӣ дар миёни достонҳои ҳамном дар адабиёти классикӣ, таъсири достони шоир ба шоирони минбаъда, паёмҳои ахлоқии шоир дар достон ва ғ. таҳқиқ, таҳлил ва мушаххас карда шудааст.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои илмию пажӯҳишии диссертантро метавон ҳангоми навиштани таърихи адабиёти классикии тоҷик, алалхусус адабиёти асри XV ва нақши достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дар маҷмуъ достонҳои ҳамноми дар ин мавзуъ эҷодшуда ба шоирони дигарро дар инкишофу таҳаввули адабиёти ин аср барои донишҷӯёну аспирантон, магистрҳо, омӯзгорони ҷавон тавсия кард, ки аз манфиат холӣ нест.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 , таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмии анҷомёфта буда, дорои мазмун ва сохтори ягонаи илмию таҳқиқотист. Хулоса ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои диссертант дар 6 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Муҳокимаю баррасӣ ва хулосабарориҳои довталаб дар сатҳи хуби илмӣ қарор доранд. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи **«Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ»** кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи **«Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069 -и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:
   - **Солеҳов Мирзо Одинаевич** доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
   - **Аминӣ Алишер Файзулло** – муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода
   - Ба сифати муассисаи пешбар **Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ** пешниҳод мешавад.
3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионии ДДОТ
ба номи С.Айнӣ Казакова У.С.

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионии ДДОТ
ба номи С.Айнӣ Муллоев А.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121 Мустафозода А.

доктори илми филология, профессори
кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи
давлати имолия ва иқтисоди Тоҷикистон Саидҷаъфаров О.Ш.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ
Суроға: 734067,Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14 Шарипов У.А.

«30. 06» соли 2023